**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳоии филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01–Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Ёддоштнависӣ яке аз бахшҳои муҳими адабиёти тоҷик, хоса насри классикӣ ба шумор меравад, ки дорои суннатҳои хоси иншо буда, адибону суханварони мо дар доираи он муҳимтарин мушоҳида ва андешаҳои арзишманди хешро баён доштаанд. Дар асри XX бошад ин навъи муҳими наср ба як марҳилаи нави ташаккули худ ворид шуд, ки ин пеш аз ҳама ба хидматҳои шоёни устод Садриддин Айнӣ такя мекунад. Ҳарчанд то кунун дар заминаи таҳқиқи сайри таҳаввули жанри ёддошт дар адабиёти гузаштаву имрӯзи мо корҳои муайяне ба сомон расидаанд, вале бо таваҷҷуҳ ба ин ки аксари нависандагону шоирони мо баробари таълифу иншои осори дигар худ ба навиштани чунин осор низ иқдом намудаанд, таҳқиқу баррасии вежагиҳои ин навъи адабӣ дар эҷодиёти ҳар яки онҳо метавонад мавзӯи баҳси ҷудогона бошад.

Аз ин нуқтаи назар, рисолаи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич **“Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик”** ба таҳқиқи саҳми арзандаи ин адиби тоҷик дар ташаккули жанри мазкур ва идомаи суннатҳои хоси нигориши он бахшида шудааст. Рисола аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия асосан мутобиқи талаботи гузошташуда, таҳия гардида, дар он баробари таъйини аҳамият ва зарурати таҳқиқот ва дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадаф ва объекти таҳқиқот, нуктаҳои меҳварии барои дифоъ манзуршаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби аввали диссертатсия « **Жанри ёддошт ва мавқеи он дар насри муосири тоҷик** » унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввал, ки таснифоти анвои наср дар адабиёти навини тоҷикӣ номгузорӣ шудааст,

меъёрҳои дастабандии осори насрӣ ва ҷойгоҳи ёддошт дар миёни онҳо мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Фасли дуюми боби якумро унвонҷӯ жанри ёддошт ва сайри таҳаввули он дар адабиёти форсу тоҷик ном ниҳодааст. Дар ин бахши диссертатсия унвонҷӯ иброз медорад, ки яке аз муҳимтарин вижагиҳои ёддоштнависӣ ривоятгуна будани он аст ва ҳамин амр боис шудааст, ки асар сохти мушаххасе пайдо кунад.

Фасли сеюми боби якум "Суннатгароӣ ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосири тоҷик" ном дорад ва диссертант дар ин фасл ёддоштнависӣ ва осори ёддоштии адибони муосири тоҷикро ба риштаи тадқиқ кашидааст.

Боби дуюм «**Убайд Раҷаб ва идомаи суннату шеваҳои хоси ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик»** ном дошта, аз чаҳор фасл иборат аст. Диссертант нахуст сохтор ва муҳтаво, вежагиҳои сабкии осори ёддоштии Убайд Раҷабро баррасӣ намуда, баъдан чеҳраи Садриддин Айниро аз нигоҳи муаллиф дар ин навъ осори ӯ мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Дар фасли дигари ин боб, ки **«Тасвири шахси воқеӣ дар повести «Марди майдони талош»** номгузорӣ шудааст, кӯшидааст, ки хотираҳои адибро дар бораи қаҳрамони меҳварии асари ёддоштии ӯ ба риштаи таҳқиқ бикашад.

Боби сеюми диссертатсия "**Симои аҳли адаб дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб ва тасвири чеҳраи муаллиф дар хотироти ҳамқаламон"** ном дошта, фарогири се фасл мебошад. Дар фасли аввал, ки "Бозтоби чеҳраи воқеӣ ва адабии Мирзо Турсунзода дар китоби «Зинда ба ишқ» ном дорад, симои ин шоири маҳбуб дар заминаи анъанаи ёддоштнависӣ ба риштаи тасвир кашида шудааст. Дар баробари ин, дар фаслҳои дигари ин боб, симои бадеии адибони тоҷик дар осори ёддоштии Убайд Раҷаб, чеҳраи Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои аҳли илму адаб баррасӣ шудаанд.

Боби мазкур ба умдатарин масъалаҳои ёддоштнависӣ ва таъсирпазирию таъсиргузории адиб дар ҷараёни чунин осори ӯ бахшида шудааст.

Диссертант масоили меҳварии мавриди баррасӣ дар рисоларо дар бобу зербобҳоро хеле мӯшикофона таҳқиқу баррасӣ намудааст.

Дар баробари муваффақиятҳои зикргардида дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Дар боби аввали диссертатсия масъалаи таснифоти насри классикии форсу тоҷик мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Маълум аст, ки дар ин бора донишмандони ватаниву хориҷӣ дидгоҳҳои муайяне доранд. Хуб мешуд, ки диссертант мулоҳизаҳои хешро дар бораи назару дидгоҳҳои ин донишмандон баён дорад.
2. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Албатта, камбудиву иштибоҳоти мазкур ислоҳпазир буда, ба моҳияти илмии кор халал ворид намекунад.

Бар таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки диссертатсия тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, афтореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи он моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро пурра инъикос менамоянд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Давлатов Рустам Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» кори анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01–Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои Академияи миллии

илмҳои Тоҷикистон Зиёев Субҳиддин Насриевич

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 33
Тел: +992 927040908 E-mail: rakesh-23@mail.ru

Имзои номзади илмҳои филологӣ,
С. Зиёевро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои Институт Зуҳуров Абдухолиқ

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
Тел: +992 987665737 E-mail: zuhuri_81@mail.ru